**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдухалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растанихои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Бояд қайд намуд, ки картошкапарварӣ яке аз бахшҳои зарурии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафата, нақши он дар таъмини амнияти озуқавории кишварамон хело калон аст. Картошкапарварӣ ва рушди минбаъдаи он бо парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ зич алоқаманд аст.

Дар оянда яке аз роҳҳои афзоиш додани истеҳсоли картошка ин ба корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ хело зич алоқаманд буда, омӯзиши навъҳои нави интродуксионӣ аҳамияти калон дорад. Инчунин, дар минтақаи кӯҳистон ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ яке аз омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокии картошка ва истеҳсоли он ба шумор меравад.

Дар ҳалли ин масъалаҳо усулҳои селексия ва тухмипарварии навъҳои нави картошка, аз хориҷ ворид намудани маводи тухмӣ ва ба шароити агроэкологии минтақаҳои кишти картошка мувофиқ кунондани он нақши калон мебозад.

Аз ин лиҳоз рисолаи илмии Акрамов Абдуҳалим Холович маҳз ба ин мавзӯъ бахшида шудааст ва муаллиф дар ҳалли ин масъалаҳо натиҷаҳои назаррасро ба даст овардааст. Унвонҷӯ таҳқиқотҳои худро оид ба мутобиқ намудани навъҳои нави картошкаи дорои иқтидори баланди истеҳсоли дар шароити минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт анҷом додаст.

Мавзуи интихобшуда актуалӣ буда, зеро муаллиф оид ба хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии 9 навъи картошкаи аз хориҷ воридшуда тадқиқоти васеъ анҷом додааст. Хусусиятхои инкишофу нашъунамо, маҳсулнокӣ ва ҳосилнокии навъҳои картошкаро вобаста ба шароити агроэкологии минтақа муайян намудааст.

Нававарии тадқиқот дар он аст, ки рисолаи илмӣ бори аввал дар шароити кӯҳии водии Рашти Тоҷикистон дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои агроэкологӣ ва ҳосилнокии навъҳои нави интродуксионии картошка, дар асоси раванди мутобикшавии ин навъҳо ба шароити минтақа мебошанд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқотҳо муаллиф аз байни 9 навъи омухташуда 4 навъи картошка; Янка, Вектар, Скарб ва Бриз, ки аз

чиҳати ҳосилнокӣ ва тобоварӣ ба омилҳои табиӣ бартари доштанд интихоб намуда, ба истеҳсолот тавсия намудааст. Унвонҷӯ исбот намудааст, ки навъҳои интихобнамуда дорои ҳосили баланд буда, ҳосилнокӣ дар навъҳои Янка (37,8 т/га), Вектар (32,5 т/га), Скарб (31,8 т/га) ва Бриз (30,1 т/ га) ташкил дода аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда аз ин навъҳо аз ҳар гектар то 58,38 ҳазор сомонӣ фоидаи софи иқтисодӣ ба даст овардан мумкин аст.

Муаллифи рисола дар асоси тадқиқотҳои худ исбот кардааст, ки хусусиятиҳои агроэкологии минтақаи кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт барои парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланди навъҳои нави картошка комилан мувофиқ аст.

Мақолаҳои чопшуда ва автореферати диссертатсия кори анҷомёфтаи илмиро ифода намуда, ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он – Акрамов Абдуҳалим Холович барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Профессори кафедраи физиологияи
растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур, д.и.б. Каримов М.К.

Имзои Каримов М.К- ро тасдиқ менамоям,
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур
15.05.2024 Абдуҳалимзода Н.А.

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел.: 935 25 87 81, E-Mail.: rectortau31@mail.ru